# Дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030», "Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ" шарҳ дода шуд

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 15 Апрел, 2025 - 13:42
Раиси Кумитаи забон ва истилоҳот Раҳматуллозода Сахидод вобаста ба фазилату мероси пурғановати таъриху фарҳанги миллати тоҷик будани забони модарӣ, ки мақоми давлатӣ касб намудааст, сухан гуфта, изҳор дошт, ки забон хишти аввали кохи миллат, яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ва нахустунсури тафаккури миллӣ буда, забони сулҳу дӯстӣ, меҳру муҳаббат ва садоқату бародарӣ мебошад. Таъкид гардид, ки эҳтироми бепоён ба забони

миллӣ доштани Президенти муҳтарами мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама суханрониҳо ва паёмҳояшон баён мегардад, ки ин ҳама далели арҷгузорӣ ба забони модарӣ-ин ганҷи бебаҳои меросу фарҳанги миллӣ дониста мешавад. Дар идома гуфта шуд, ки дар Тоҷикистон «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» амалӣ мегардад, ки ҳадафи он ҳифзи забон ва арҷ гузоштан ба забони миллӣ мебошад.Яке аз самтҳои Барнома низ омӯзиш, назорат, таҳлил ва амалисозии сиёсати забони давлатӣ мебошад.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** Select rating
Ҳоло баҳо надорад

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [1]

- 

**Манбаъ::**http://kumitaizabon.tj/tg/content/dar-makomoti-ichroiyai-khokimiyati-davlatii-nokhiyai-dangara-barnomai-rushdi-zaboni-davlati?page=392

**Пайвандҳо**
[1] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [2] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250428-WA0015.jpg